# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи тасдиқи Номгӯи молҳое, ки наметавонанд тахти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарор дода шаванд

Мутобиқи қисми 2 моддаи 258 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон қарор мекунад:

1. Номгӯи молҳое, ки наметавонанд таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарор дода шаванд, тасдиқ карда шавад.

2. Қарори мазкур аз 1 июни соли 2009 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
аз 28 майи соли 2009 № 309
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 майи соли 2009 № 309
тасдиқ карда шудааст

# Номгӯи молҳое, ки наметавонанд таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарор дода шаванд

1. Молҳое, ки барои истифодаи шахсӣ ё истеъмоли шахсони воқеӣ таъин нагардидаанд.
2. Молҳои гаронвазн (вазнашон зиёда аз 20 кг)
3. Молҳои калонҳаҷм (ҳангоми ҷамъи ченакҳои дарозӣ, бар ва баландӣ зиёда аз 200 см).
4. Молҳои дар бастабандҳои аввалия барои фурӯш таъингардида, барои фурӯши чакана пешбинишуда, агар чунин молҳо то ҷойгир намудан таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ ба таври дарҷгардида бастабандӣ нашуда бошанд (молҳое, ки аз нав борпечонӣ, бастабандӣ ё баркашиданро талаб мекунанд).
5. Моли ватание, ки бо боҷҳои гумрукии содиротӣ андозбандӣ шудааст.
6. Моле, ки воридоти он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироташ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.
7. Моле, ки муомилоти он дар қаламрави Ҷумҳурии Точикистон манъ аст.
8. Моле, ки содирот ва воридоташ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
9. Маводи чопӣ ва тасвирие, ки ба вайрон намудани сохти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, тарҷиботи ҷанг, терроризм, зӯроварӣ, экстремизми динӣ, нажодпарастӣ равона шудааст, ҳамчунин маводи дорои мундариҷаи фаҳш.